# БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

## Шарҳи моҳонаи таваррум • Сентябри 2018

**Сатҳи таваррум[1] тайи шаш моҳи охир (апрел-сентябр) раванди болоравии муътадил дошта, дар моҳи сентябри соли равон 1,1 фоизро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин моҳи соли гузашта ба андозаи 1,5 банди фоизӣ (б.ф.) зиёд мебошад.**

Дар моҳи мазкур ба таваррумы бавуқӯъомада асосан болоравии нархи маҳсулоти хӯроквории ба андозаи 2,8 фоиз (саҳм дар таваррум 1,5 б.ф.) ва нархи молҳои ғайрихӯрокворӣ 0,6 фоиз (0,2 б.ф.) таъсир расонид. Ҳамзамон, коҳишёбии арзиши хизматрасонии пулӣ ба аҳолӣ ба андозаи 3,8 фоиз (0,6 б.ф.) ба қайд гирифта шуд.

**Тибқи таҳлилҳо сатҳи таваррумы мазкур дар маҷмӯъ аз сатҳи интизоришаванда каме баланд ҷамъбаст гардида, асосан дар натиҷаи таъсири омилҳои бо пешниҳодот ва мавсим, инчунин барзиёдии талаботи маҷмӯӣ алоқаманд ба амал омад.**

Бахусус, дар моҳи мазкур болоравии нисбии нархи миёнаи орди навъи якум ба назар расид, ки 9,3 фоизро ташкил дод. Тавре маълум аст, орд яке аз маҳсулоти серистеъмоли аҳолӣ (вазни хос дар сабади истеъмолӣ 10,7 фоиз) ба ҳисоб рафта, афзоиши нархи он дар ҷумҳурӣ шурӯъ аз моҳи апрели соли равон оғоз гардид, ки дар давоми 6 моҳи охир (апрел-сентябри с. 2018) ба 14,1 фоиз баробар шуд.

Дар ин раванд, тибқи маълумоти омори гумрукӣ нархи миёнаи орди ба ҷумҳурӣ воридшуда дар моҳи августи соли равон ба 236,5 долл. ИМА барои 1 тонна баробар гардид, ки нисбат ба моҳи августи соли 2018 ба андозаи 7,2 фоиз зиёд мебошад.

**Ҳамин тариқ, сатҳи таваррумы солона (дар 12 моҳи охир) бошад, нисбат ба моҳи қаблӣ 1,5 б.ф. боло рафта, дар моҳи сентябри соли 2018 ба 5,0 фоиз баробар гардид.**

Интизор меравад, ки сатҳи таваррумы солона раванди болоравии муътадили худро идома дода, дар интиҳои сол дар доираи нишондиҳандаи мақсадноки пешбинишуда* ҷамъбаст хоҳад шуд.

Сатҳи таваррумы аслӣ** дар моҳи сентябри соли ҷорӣ -0,1 фоизро[2] ташкил дода, бо арзёбии солона бошад, ба 2,3 фоиз[3] баробар шуд. Ба ин раванд нисбатан муътадил будани сатҳи нархҳои маҳсулоти тайёри хӯрокворӣ (маҳсулоти гӯштӣ, маҳсулоти ширӣ, равғани рустанӣ ва ҳайвонот), маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ (маводи шустушӯй ва доруворӣ) ва хизматрасониҳои дар таваррумы аслӣ ба ҳисоб

**Таваррумы моҳона ва солона, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Афзоиши гурӯҳи нархҳои истеъмолӣ ва саҳми сохтории онҳо дар таваррум, бо % солона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Нишондиҳандаи мақсадноки таваррумы солона барои давраи миёнамуҳлат, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)



гирифташаванда (аз ҷумла, хизматрасониҳои маишӣ) бештар саҳмгузорӣ намуданд.

Дар пӯёии тағйирёбии таваррумӣ ғайриаслӣ поёнравии нисбии нархи бархе аз маҳсулоти хоми хӯрокворӣ дар моҳи сентябри соли 2018 нисбат ба моҳи қаблӣ ба назар расид. Аз ҷумла, поёнравии нархҳои маҳсулоти хоми хӯрокворӣ асосан аз ҳисоби коҳишёбии нархи себ (-14,3% м/м ё -7,5% с/с), ангур (-15,1% м/м ё 20,7% с/с), нок (-6,3% м/м ё -15,0% с/с), лиму (-27,6% м/м ё 7,0% с/с), тарбуз (-10,2% м/м ё 1,9 маротиба с/с), шакар (-2,1% м/м ё -13,3% с/с), каду (-3,9% м/м ё -9,6% с/с) ва ғайра ба амал омад. Дар баробари ин, вобаста ба таъсири омилҳои мавсимӣ ва таклифот, нархи орди навъи якум (9,3% м/м ё 3,9% с/с), гӯшти гов (0,7% м/м ё 6,7% с/с), биринҷ (3,7% м/м ё 15,8% с/с), равғани пахта (1,9% м/м ё 3,0% с/с), картошка (25,0% м/м ё -30,4% с/с), пиёз (20,1% м/м ё 1,6 маротиба с/с), сабзӣ (27,0% м/м ё 27,0% с/с) ва карам (32,9% м/м ё 1,7% с/с) раванди болоравӣ дошт.

**Нархи маводи сӯзишворӣ** (-1,6% м/м ё 14,1% с/с) вобаста ба поёнравии нархи гази моеъ (-5,1% м/м ё 9,5% с/с) ва бензин навъи АИ-92 (0,1% м/м ё 19,9% с/с) дар моҳи баррасишаванда раванди коҳишёбӣ дошт, ки ба ин раванд пеш аз ҳама ба сатҳи мувозинатӣ баргаштани талаботу пешниҳод таъсири мусбат расонид.

**Нархи хизматрасониҳои маъмурӣ** (-0,5% м/м ё 0,5% с/с) бошад, дар ин моҳ вобаста ба коҳишёбии нархи хизматрасониҳои нақлиётӣ (-10,3% м/м ё -0,7% с/с), бо нишондиҳандаи манфӣ ҷамъбаст гардид.

**Бонки миллии Тоҷикистон сиёсати пайгиронаи пулию қарзиро ҷиҳати танзими ҳаҷми пул ва бартараф намудани таъсири фишорҳои монетарӣ ба сатҳи нархҳо ва ба ин васила ноил гардидан ба нишондиҳандаи мақсадноки таваррум амалӣ менамояд.**

**Таваррумӣ аслӣ, бо %, солона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Таваррумӣ ғайриаслӣ, бо %, солона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




[1] - тибқи маълумоти Агентии омор
[2] - м/м – моҳ нисбат ба моҳ (тағйирёбии моҳона)
[3] - с/с – сол нисбат ба сол (тағйирёбии солона)

**_*Дар ҷаласаи навбатии Кумитаи сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон, ки 2 августи соли 2017 баргузор гардид, Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати гузариш аз низоми ҳадафгирии нишондиҳандаҳои монетарӣ ба низоми ҳадафгирии таваррум, нишондиҳандаи мақсадноки таваррумро барои давраи миёнамуҳлат муқаррар ва нашр намуд._**

**- Таваррумӣ аслӣ, ки тамоюли дарозмуддати нархҳоро бе таъсири лаппишҳои кӯтоҳмуддат инъикос менамояд, бо мақсади баҳодиҳӣ ва таҳлили ҷараёни доимии тағйирёбии сатҳи нархҳо дар асоси маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (Агентии омор) аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ҳисоб карда мешавад. Ҳамчун яке аз қисматҳои таркибии таваррумӣ умумӣ (намояи нархҳои истеъмолӣ) таваррумӣ аслӣ раванди устувор ва дарозмуддати тағйирёбии нархҳоро, ки зери таъсири омилҳои талаботи дохилӣ ва монетарӣ ба вуҷуд омадааст, инъикос менамояд. Усули асосии ҳисоби таваррумӣ аслӣ - усули истисноӣ буда, он бо роҳи хориҷ кардани номгӯи алоҳидаи маҳсулот ва хизматрасониҳои тамоюли тағйирёбии зиёддошта, ки бо тағйирёбии аслии сатҳи нархҳо алоқаманд нест, ҳисоб карда мешавад. Аз сабаби намояи нархҳои истеъмолӣ номгӯи маҳсулоти бо лаппишҳои кӯтоҳмуддат ва гузарандаи аз таъсири омилҳои ғайримонетарӣ вобастабуда, аз ҷумла омилҳои таклифот (нархҳои ҷаҳонӣ, шароити табиӣ), мавсимӣ ва маъмурӣ хориҷ карда мешаванд. Яъне, дар ҳисоби таваррумӣ аслӣ маҳсулоти хоми хӯрокворӣ, маводи сӯзишворӣ ва хизматрасониҳои маъмуран танзимшаванда ба инобат гирифта намешаванд.

## Намояи нархҳои истеъмолӣ*

| | Вазн,% | тағйирёбии солона,% | | | | | | | | | | | | Сентябр, тағйирёбии моҳона,% |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | | | | | | | | | |
| | | | | | Январ | Феврал | Март | Апрел | Май | Июн | Июл | Август | Сентябр | |
| **Таваррум** | **100,0** | **5,1** | **6,1** | **6,7** | **6,5** | **5,2** | **2,5** | **1,9** | **1,7** | **1,6** | **2,3** | **3,5** | **5,0** | **1,1** |
| **Маҳсулоти хӯрокворӣ ва нӯшокиҳои беспирт** | **53,1** | **3,8** | **6,4** | **7,7** | **7,3** | **5,4** | **0,9** | **0,0** | **-0,5** | **-2,1** | **-1,9** | **0,7** | **4,8** | **2,9** |
| Нон ва маҳсулоти нонӣ | 17,5 | 9,1 | -2,5 | -0,8 | -0,9 | -1,4 | -3,4 | -4,2 | -4,7 | -4,2 | -2,1 | -0,8 | 4,5 | 6,2 |
| Биринҷ | 2,9 | 11,6 | -9,2 | -6,9 | -7,0 | -5,4 | 1,9 | 3,2 | 5,9 | 8,1 | 10,2 | 13,1 | 15,8 | 3,7 |
| Орд | 10,7 | 7,8 | -3,0 | 0,3 | 0,2 | -0,6 | -6,0 | -7,5 | -8,5 | -8,2 | -5,5 | -4,3 | 3,9 | 9,3 |
| Гӯшт ва маҳсулоти он | 8,3 | -10,2 | 3,7 | 13,8 | 14,0 | 13,4 | 13,5 | 8,9 | 5,2 | 4,9 | 4,5 | 5,8 | 6,7 | -0,1 |
| Гӯшти гов | 5,4 | -14,3 | 3,2 | 14,7 | 15,0 | 14,1 | 14,0 | 7,8 | 3,0 | 3,0 | 2,8 | 5,1 | 6,1 | 0,7 |
| Тухм | 1,5 | 5,5 | 12,0 | 1,0 | 0,1 | 1,9 | -0,6 | 2,4 | 4,7 | 0,1 | -4,2 | 0,0 | 7,7 | 11,3 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 1,7 | 7,3 | 0,4 | 4,4 | 3,7 | 4,6 | 2,3 | 5,0 | 6,1 | 3,7 | 3,9 | 3,9 | 3,4 | 0,0 |
| Шир | 0,5 | 16,1 | -7,2 | 6,3 | 6,3 | 4,5 | -2,2 | 4,1 | 7,2 | 0,7 | 0,9 | 0,7 | -1,4 | -0,5 |
| Равғани рустанӣ ва ҳайвонот | 5,7 | 12,7 | 11,3 | 1,3 | 0,0 | -1,6 | -2,5 | -2,2 | -3,6 | -0,8 | 3,5 | 4,0 | 4,7 | 1,2 |
| Меваҷот | 4,3 | 12,3 | 16,7 | -1,8 | -0,3 | 3,9 | 6,4 | 15,7 | 24,5 | 24,2 | 51,6 | 36,9 | 18,2 | -11,2 |
| Сабзавот | 6,6 | -12,4 | 16,5 | 40,2 | 37,1 | 21,2 | -6,4 | -9,7 | -13,1 | -23,8 | -34,4 | -21,9 | -1,4 | 15,0 |
| Шакар | 2,4 | 19,3 | 15,0 | -6,7 | -7,3 | -7,9 | -10,1 | -17,3 | -17,5 | -11,2 | -16,8 | -13,8 | -11,3 | -2,1 |
| Нӯшокиҳои беспирт | 1,3 | 13,7 | 19,9 | 1,6 | 2,7 | 0,3 | 0,6 | 2,0 | 3,9 | 3,3 | 4,0 | 3,6 | 3,6 | 0,0 |
| **Хӯроки умумӣ**** | **0,9** | **14,9** | **19,9** | **2,7** | **2,7** | **3,9** | **3,9** | **3,9** | **3,9** | **3,9** | **5,2** | **5,2** | **6,9** | **1,9** |
| **Нӯшокиҳои спиртдор ва тамоку** | **1,4** | **15,9** | **11,8** | **6,2** | **6,2** | **7,1** | **8,0** | **8,2** | **7,5** | **4,7** | **6,2** | **6,8** | **6,4** | **0,0** |
| **Маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ** | **29,2** | **7,9** | **5,7** | **4,4** | **4,3** | **4,1** | **4,0** | **3,8** | **4,2** | **5,8** | **6,7** | **5,9** | **5,7** | **0,6** |
| Либос ва пойафзол | 9,7 | 9,2 | 14,5 | 9,2 | 2,5 | 2,7 | 3,0 | 3,8 | 4,0 | 4,9 | 5,4 | 5,2 | 4,6 | 0,0 |
| Масолеҳи таъмир ва сохтмон | 3,7 | 2,2 | -0,9 | 2,4 | 2,5 | 4,9 | 4,9 | 5,5 | 6,0 | 6,1 | 6,7 | 6,0 | 7,0 | 1,0 |
| Маводи шустушӯй | 1,8 | 15,5 | 1,2 | 4,0 | 3,1 | 4,0 | 4,0 | 3,3 | 1,5 | 0,7 | 1,9 | 1,9 | 3,2 | 1,3 |
| Доруворӣ | 2,9 | 24,7 | 14,1 | 1,0 | 0,7 | 2,2 | 2,2 | 0,8 | 1,2 | 1,9 | 4,7 | 4,5 | 9,2 | 4,4 |
| Сӯзишвории нақлиёт | 2,0 | -7,0 | 2,9 | 27,7 | 25,9 | 17,2 | 14,1 | 8,9 | 11,9 | 26,4 | 27,1 | 20,4 | 14,1 | -1,6 |
| Дигар намуди сӯзишворӣ | 1,3 | 19,0 | 3,0 | 0,9 | 0,4 | -7,7 | -8,1 | -8,1 | -8,1 | -8,9 | -8,9 | -8,9 | -8,9 | 0,0 |
| Васоити нақлиёт | 0,9 | -2,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 2,9 | 4,4 | 4,4 | 4,4 | 4,4 | 0,0 |
| Лавозимот ва ашёи дигари истифодабарии шахсӣ | 1,5 | 7,6 | 7,1 | 8,6 | 7,3 | 8,5 | 9,1 | 9,5 | 9,7 | 11,9 | 13,1 | 10,6 | 8,4 | 0,7 |
| **Хизматрасониҳо** | **15,2** | **2,2** | **4,5** | **7,7** | **7,9** | **6,0** | **5,0** | **4,5** | **4,7** | **7,3** | **9,5** | **8,0** | **4,3** | **-3,8** |
| Манзилӣ-коммуналӣ | 5,2 | 3,2 | 9,8 | 17,5 | 17,1 | 12,6 | 11,7 | 11,3 | 13,6 | 20,5 | 19,2 | 14,9 | 11,3 | -1,1 |
| Иҷорапулии манзил | 0,2 | 14,3 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 1,4 | 1,4 | 4,6 | 4,6 | 4,6 | 5,0 | 5,0 | 0,0 |
| Обрасонӣ ва партовбарорӣ | 0,7 | 20,1 | 5,1 | 9,1 | 11,6 | 8,4 | 8,4 | 8,4 | 9,5 | 9,5 | 9,5 | 9,5 | 9,5 | 0,0 |
| Қувваи барқ | 2,6 | 0,0 | 28,6 | 14,7 | 15,0 | 15,0 | 15,0 | 14,9 | 14,9 | 14,9 | 14,7 | 14,7 | 14,7 | 0,0 |
| Оби гарм | 0,0 | 14,6 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Газ | 1,1 | -6,3 | -6,6 | 40,1 | 35,7 | 13,4 | 8,5 | 7,2 | 17,2 | 52,3 | 44,7 | 24,8 | 8,7 | -4,9 |
| Нақлиёт | 4,4 | -2,3 | -1,4 | 2,8 | 5,0 | 3,3 | 0,7 | -0,2 | -1,9 | -0,6 | 7,2 | 6,0 | -0,7 | -10,3 |
| Алоқа | 1,6 | 0,8 | 0,0 | 1,3 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Маориф | 1,6 | 2,6 | 11,3 | 5,3 | 2,0 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 0,2 | 0,2 |
| Тандурустӣ | 0,8 | 14,0 | 1,9 | 1,7 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 0,0 |
| Маишӣ | 1,9 | 12,3 | 5,2 | 1,1 | 0,9 | 1,3 | 1,5 | 1,5 | 1,8 | 2,9 | 3,1 | 3,1 | 1,8 | -0,4 |

*Дар ҷадвали мазкур номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасониҳои истифодаи онҳо ба таври умум ё серистеъмоли аҳолӣ нишон дода шудааст. Аз ин лиҳоз, маълумоти пурра оид ба номгӯи маҳсулот (аз рӯи сабади истеъмолӣ-546 номгӯи маҳсулот) дар сомонаи расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (www.stat.tj) ҷойгир мебошад.

** - Ошхона, қаҳвахона ва тарабхонаҳо